**Маълумотнома оид ба воридоти сармояи хориҷӣ ба иқтисодиёти Ҷумҳурии Тоҷикистон дар соли 2021**

Тибқи маълумоти Агентии омори назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон воридоти умумии сармоягузории хориҷӣ дар соли 2021 718,3 млн. доллари амрикоиро ташкил додааст, ки аз он 342,2 млн. доллари амрикоӣ сармояҳои мустақим, 0,1 млн. доллари амрикоӣ сармояҳои ҷомадонӣ ва 376,0 млн. доллари амрикоӣ дигар намуди сармояҳо мебошанд.

***Диаграмма №1***
***Ҷалби сармояи хориҷӣ дар солҳои 2020 ва 2021***

*(млн. доллари амрикоӣ)*




Дар моҳҳои январ – декабри соли 2021 нисбат ба ҳамин давраи соли 2020 воридоти сармояҳои мустақими хориҷӣ ба маблағи 179,7 млн. доллари амрикоӣ ё ***110,6 фоиз*** ва дигар намуди сармояҳо ба маблағи 110,6 млн. доллари амрикоӣ ё ***41,7 фоиз*** зиёд шудааст.

***Диаграмма №2***
***Ҷалби сармояи мустақими хориҷӣ ба соҳаҳо дар соли 2021***

*(доллари амрикоӣ)*




Сармояи мустақим асосан ба саноати истихроҷ – 194,6 млн. доллари амрикоӣ (ё 56,9 фоиз), фаъолияти молиявӣ – 43,4 млн. доллари амрикоӣ (ё 12,7 фоиз), саноати коркард – 34,0 млн. доллари амрикоӣ (ё 9,9 фоиз), соҳаи сайёҳӣ – 28,5 млн. доллари амрикоӣ (ё 8,3 фоиз), соҳаи сохтмон – 8,1 млн. доллари амрикоӣ (ё 2,4 фоиз), соҳаи нақлиёт ва алоқа – 7,1 млн. доллари амрикоӣ (ё 2,1 фоиз) ва ғайра 26,5 млн. доллари амрикоӣ (ё 7,8 фоиз) равона карда шудаанд.

Дигар намуди сармояҳои хориҷӣ асосан ба соҳаи фаъолияти молиявӣ – 266,2 млн. доллари амрикоӣ (ё 70,8 фоиз), соҳаи сохтмон – 88,4 млн. доллари амрикоӣ (ё 23,5 фоиз), нақлиёт ва алоқа – 3,3 млн. доллари амрикоӣ (ё 0,9 фоиз), соҳаи саноат – 0,6 млн. доллари амрикоӣ (ё 0,2 фоиз) ва дигар соҳаҳо – 17,5 млн. доллари амрикоӣ (ё 4,6 фоиз) равона карда шудаанд.

***Диаграмма №3***
***Воридоти дигар намуди сармоягузорӣ аз рӯи соҳаҳо дар соли 2021***

*(доллари амрикоӣ)*



***Диаграмма №4***

***Воридоти сармояи хориҷӣ аз рӯи давлатҳо дар соли 2021***

*(млн. доллари амрикоӣ)*




Дар соли 2021 сармояи мустақими хориҷӣ ба иқтисодиёти Ҷумҳурии Тоҷикистон бештар аз ***Ҷумҳурии Халқии Хитой – 211,4 млн. доллари амрикоӣ ё 61,8 фоиз*** (истихроҷ ва ғанигардонии маъданҳои сурб, руҳ ва калъагӣ, истихроҷи сангҳои табии қиматбаҳо ва нимқиматбаҳо (ба истиснои алмос), истихроҷ ва ғанигардонии маъданҳои металлҳои қиматбаҳо ва камёб), ***Ҷумҳурии Исломии Эрон – 32,6 млн. доллари амрикоӣ ё 9,5 фоиз*** (дигар миёнаравии пулӣ, фаъолияти дигар наклиёти заминии мусофирбар, ки ба дигар гурӯҳҳо дохил карда нашудаанд), ***Туркия – 25,2 млн. доллари амрикоӣ ё 7,4 фоиз*** (истеҳсоли нӯшокиҳои ғайриспиртӣ, истеҳсоли обҳои минералӣ ва дигар обҳои зарфшуда, истеҳсоли мошинҳо ва таҷҳизотҳои таъиноти умумӣ), ***Швейтсария – 21,6 млн. доллари амрикоӣ ё 6,3 фоиз*** (пешниҳоди хизматрасонии меҳмонхонаҳо, истихроҷ ва ғанигардонии маъданҳои металлҳои қиматбаҳо ва камёб), ***Фаронса – 19,8 млн. доллари амрикоӣ ё 5,8 фоиз*** (савдои чакана дар мағозаҳои ғайримахсус, таҳияи лоиҳаҳои сохтмонӣ), ***Кипр – 10,7 млн. доллари амрикоӣ ё 3,1 фоиз*** (пешниҳоди хизматрасонӣ оиди дигар ҷойҳо барои истиқомат), ***Британияи Кабир – 6,7 млн. доллари амрикоӣ ё 1,9 фоиз*** (пешниҳоди (додани) қарз, дигар миёнаравии пулӣ), ***Люксембург – 3,8 млн. доллари амрикоӣ ё 1,1 фоиз*** (пешниҳоди (додани) қарз, дигар миёнаравии пулӣ) ва аз ***дигар давлатҳо – 10,4 млн. доллари амрикоӣ ё 3 фоиз*** ворид гардидааст.

*Диаграмма №5*
***Ҷалби сармояи мустақими хориҷӣ ба минтақаҳо дар солҳои 2020 ва 2021***

***(млн. доллари амрикоӣ)***




Дар соли 2021 воридоти сармояи мустақими хориҷӣ бештар ба ***шаҳри Душанбе*** – 39,1% (133,9 млн. доллари амрикоӣ), ***Вилояти Суғд*** – 53,2% (182,0 млн. доллари амрикоӣ), ***Вилояти Хатлон*** – 5,1% (17,6 млн. доллари амрикоӣ), ***Вилояти Мухтори Кӯҳистони Бадахшон*** – 1,1% (3,7 млн. доллари амрикоӣ) ва ба ***ноҳияҳои тобеъи ҷумҳурӣ*** бошад – 1,5% (5,0 млн. долл. ИМА) равона гардидааст.

***Раёсати пешбурди фаъолияти сармоягузорӣ***

***Дар асоси маълумотҳои расмии Агентии омори назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон***

## Таҳлили аналитикӣ оид ба ҷалби сармоягузории хориҷӣ ба иқтисодиёти Ҷумҳурии Тоҷикистон дар солҳои 2007 – 2021

| солҳо | Ҷалби сармоя | | | Ҳамагӣ млн. доллари амрикоӣ |
|---|---|---|---|---|
| | Мустақим | Дигар намуди сармоягузорӣ | Сармоягузории портфелӣ | |
| *2007* | *388,4* | *472,2* | | ***860,6*** |
| *2008* | *425,7* | *563,6* | | ***989,3*** |
| *2009* | *89,4* | *293,8* | | ***383,2*** |
| *2010* | *238,9* | *228,2* | | ***467,1*** |
| *2011* | *161,4* | *164,0* | *0,1* | ***325,5*** |
| *2012* | *391,3* | *355,0* | *0,1* | ***746,4*** |
| *2013* | *341,1* | *670,6* | *0,2* | ***1011,9*** |
| *2014* | *377,4* | *530,4* | *1,4* | ***909,2*** |
| *2015* | *470,9* | *506,9* | *0,0* | ***977,8*** |
| *2016* | *434,2* | *408,4* | *0,1* | ***842,7*** |
| *2017* | *354,5* | *245,9* | *500,0* | ***1100,4*** |
| *2018* | *326,8* | *317,7* | | ***644,5*** |
| *2019* | *345,9* | *261,1* | *0,1* | ***607,1*** |
| *2020* | *162,5* | *265,9* | | ***428,4*** |
| *2021* | *342,2* | *376,0* | *0,1* | ***718,3*** |
| ***Ҳамагӣ*** | ***4850,6*** | ***5659,7*** | ***502,1*** | ***11012,4*** |

Тибқи маълумоти Агентии омори назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон воридоти умумии сармоягузории хориҷӣ дар солҳои 2007 – 2021, 11012,4 млн. доллари амрикоиро ташкил додааст, ки аз он 4 млрд. 850 млн. доллари амрикоӣ сармоягузориҳои мустақим, 5 млрд. 659 млн. доллари амрикоӣ дигар намуди сармоягузориҳо ва 502,1 млн. доллари амрикоӣ сармоягузории портфелӣ (евробондҳо) мебошанд.

*Эзоҳ: таҳти мафҳуми «Дигар намуди сармоягузорӣ» қарзҳои имтиёзнок ва дигар воситаҳои молиявӣ дар назар дошта мешавад.*

*Диаграмма №1*
***Воридоти сармоягузории хориҷӣ тибқи диаграмма***

***(млн. доллари амрикоӣ)***



***Диаграмма №2***
***Воридоти сармоягузории мустақими хориҷӣ дар солҳои 2007-2021***




Воридоти сармояи мустақими хориҷӣ дар солҳои 2007 - 2021 асосан ба соҳаҳои ***энергетика*** – 598,3 млн. доллари амрикоӣ, ***алоқа*** - 527,9 млн. доллари амрикоӣ, ***сохтмон*** – 396,6 млн. доллари амрикоӣ, ***хизматрасонии молиявӣ*** – 476,8 млн. доллари амрикоӣ, ***омӯзиши геологӣ ва истихроҷи канданиҳои фоиданок*** – 1657,2 млн. доллари амрикоӣ, ***саноат*** – 747,8 млн. доллари амрикоӣ, ***савдо*** – 55,3 млн. доллари амрикоӣ, ***саноати хӯрока*** – 12,4 млн. доллари амрикоӣ, ***сохтмони роҳҳо*** – 14,3 млн. доллари амрикоӣ, ***тандурустӣ*** – 5,1 млн. доллари амрикоӣ, ***кишоварзӣ*** – 106,1 млн. доллари амрикоӣ, ***сайёҳӣ*** – 39,4 млн. доллари амрикоӣ, ***маориф*** – 47,3 млн. доллари амрикоӣ, ***нақлиёт*** – 7,6 млн. доллари амрикоӣ, ***саноати сохтмонӣ*** – 16,2 млн. доллари амрикоӣ ва дигар соҳаҳо – 132,2 млн. доллари амрикоӣ равона шудааст.

***Диаграмма №3***
***Воридоти дигар намуди сармоягузории хориҷӣ дар солҳои 2007-2021***




Дигар намуди сармоягузориҳо асосан ба соҳаҳои ***хизматрасонии молиявӣ*** – 3079,5 млн. доллари амрикоӣ, ***омӯзиши геологӣ ва истихроҷи канданиҳои фоиданок*** – 65,5 млн. доллари амрикоӣ, ***сохтмон*** – 268,1 млн. доллари амрикоӣ, ***сохтмони роҳҳо*** – 305 млн. доллари амрикоӣ, ***сохтмони мактабҳои миёна*** –17,6 млн. доллари амрикоӣ, ***тандурустӣ*** – 8,7 млн. доллари амрикоӣ, ***алоқа*** – 238,3 млн. доллари амрикоӣ, ***обтаъминкунӣ ва соҳилмустаҳкамкунӣ*** – 90,1 млн. доллари амрикоӣ, ***кишоварзӣ*** – 56,6 млн. доллари амрикоӣ, ***маориф*** – 12,9 млн. доллари амрикоӣ, ***дар самти идоракунии давлатӣ*** – 18,2 млн. доллари амрикоӣ, ***энергетика*** – 566,7 млн. доллари амрикоӣ, ***саноат*** – 621,4 млн. доллари амрикоӣ, ***савдо*** – 6,9 млн. доллари амрикоӣ, ***нақлиёти ҳавоӣ*** – 65,4 млн. доллари амрикоӣ, ***соҳаи нақлиёт*** – 2,7 млн. доллари амрикоӣ ва дигар соҳаҳо (таҷҳизоти технологӣ) – 736,3 млн. доллари амрикоӣ равона гаштаанд.

Дар солҳои 2007-2021 ба иқтисодиёти Ҷумҳурии Тоҷикистон беш аз 65 давлати ҷаҳон сармояи хориҷӣ ворид намудаанд, ки бештар онҳо аз ҷониби ***Ҷумҳурии Халқии Хитой – 3 млд. 252 млн. доллари амрикоӣ ё 29,5%*** (алоқа, сохтмон хизматрасонии молиявӣ, омӯзиши геологӣ ва истихроҷ, монтажи таҷҳизоти технологӣ, саноат, сохтмон ва дигар намуди хизматрасониҳо), ***Федератсияи Россия- 1 млд. 647,9 млн. доллари амрикоӣ ё 15,0%*** (сохтмон, алоқа, омӯзиши геологӣ, хизматрасонии молиявӣ, тандурустӣ, саноат сохтмон, савдо энергетика, туризм ва дигар намуди хизматрасонӣ), ***Иёлоти Мутаҳидаи Амрико – 712,8 млн. доллари амрикоӣ ё 6,5%*** (алоқа, хизматрасонии молиявӣ, маориф, кишоварзӣ, тандурустӣ, обтаъминкунӣ ва соҳилмустаҳкамкунӣ сохтмон, омӯзиши геологӣ ва истихроҷ, саноат), ***Британия Кабир – 714,6 млн. доллари амрикоӣ ё 6,5%*** (омӯзиши геологӣ-истихроҷ, сохтмон, хизматрасонии молиявӣ, истихроҷи ангишт, саноат ва савдо), ***Қазоқистон 585,7 млн. доллари амрикоӣ ё 5,3%*** (хизматрасонии молиявӣ, омӯзиши геологӣ ва истихроҷ, саноат, савдо), ***Филиппин – 581,7 млн. доллари амрикоӣ ё 5,3%*** (кишоварзӣ, сохтмони роҳ, хизматрасонӣ, монтажи таҷҳизоти технологӣ, хизматрасонии молиявӣ, идоракунии давлатӣ, тандурустӣ,маориф), ***Люксембург – 461,8 млн. доллари амрикоӣ ё 4,2%*** (хизматрасонии молиявӣ), ***Эрон – 314,4 млн. доллари амрикоӣ ё 2,9%*** (саноат, сохтмон, хизматрасонии молиявӣ, савдо), ***Озарбойҷон – 242,0 млн. доллари амрикоӣ ё 2,3%*** (хизматрасонии молиявӣ), ***Австрия – 254,8 млн. доллари амрикоӣ ё 2,3%*** (хизматрасонии молиявӣ, монтажи таҷҳизоти технологӣ), ***Кипр – 237,8 млн. доллари амрикоӣ ё 2,2%*** (сохтмон, туризм, савдо), ***Арабистони Саудӣ - 288 млн. доллари амрикоӣ ё 2,6%*** (хизматрасонии молиявӣ, саноат, савдо), ***Аморати Мутаҳидаи Араб - 204,5 млн. доллари амрикоӣ ё 1,9%*** (хизматрасонии молиявӣ, омӯзиши геологӣ ва истихроҷ, саноат, савдо), ***Туркия – 221,7 млн. доллари амрикоӣ ё 2%*** (хизматрасонии молиявӣ, саноат, савдо), ***Олмон – 197,2 млн. доллари амрикоӣ ё 1,8%*** (хизматрасонии молиявӣ), ***Швейтсария – 204,5 млн. доллари амрикоӣ ё 1,9%*** (хизматрасонии молиявӣ), ***Фаронса – 125,8 млн. доллари амрикоӣ ё 1,1%*** (хизматрасонии молиявӣ, саноат, савдо) ва ***дигар давлатҳо – 765,2 млн. доллари амрикоӣ ё 6,9%*** мебошанд.



***Диаграмма №4***
***Воридоти сармоягузориҳои хориҷӣ ба минтақаҳои ҷумҳурӣ дар солҳои 2007-2021***

***(млн. доллари амрикоӣ)***




Дар солҳои 2008 – 2021 воридоти сармояи хориҷӣ бештар ба ***шаҳри Душанбе*** – 7 млрд 384,8 млн. доллари амрикоӣ ё 68%, ***Вилояти Суғд*** – 2 млрд. 406,4 млн. доллари амрикоӣ ё 21%, ***Вилояти Хатлон*** – 876,1 млн. доллари амрикоӣ ё 8,3%, ***Вилояти Мухтори Кӯҳистони Бадахшон*** – 103,7 млн. доллари амрикоӣ ё 1% ва ба ***ноҳияҳои тобеъи ҷумҳурӣ*** бошад – 231,5 млн. доллари амрикоӣ ё 2,2% равона гардидааст.

***Раёсати пешбурди фаъолияти сармоягузорӣ***

***Дар асоси маълумотҳои расмии Агентии омори назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон***